**ХУЛОСАИ**
Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)
(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №3)

**Парвандаи аттестатсионии №____**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 28.06.2025, №25**

Барои сазовор донистани Давлатова Моҳшариф Олимовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

Диссертатсияи Давлатова Моҳшариф Олимовна таҳти унвони «Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари “Ҷен Эйр”-и Ш.Бронте)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6: фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, таҳти №18/шд тамдидшуда) аз 19-уми апрели соли 2025, суратҷаласаи № 12 ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Давлатова Моҳшариф Олимовна 3 –юми марти соли 1993 дар ноҳияи Фархор, вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Солҳои 1999-2010 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3 ба номи А.Ҷомӣ, ноҳияи Фархор таҳсил карда, пас аз хатми он худи ҳамон сол ба Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода (ҳозира ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода) дохил шуда, онро соли 2014 бо ихтисоси забони англисӣ (омӯзгор) зинаи бакалавр хатм намудааст. Соли 2014 таҳсилро дар шуъбаи магистратураи ҳамин Донишкада (ҳозира ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода) идома дода, соли 2016 бо ихтисоси забони англисӣ (омӯзгор) хатм намуда, сазовори дипломи аъло гаштааст.

Давлатова Моҳшариф Олимовна ба ҳайси PhD (Докторант) соли 2017 ба Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода (ҳозира ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода) қабул ва мавзуи рисолаашро дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода (ҳозира ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода) таҳти роҳбарии номзади илми филология, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна тасдиқ намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим

Улуғзода дода шудааст. Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои «Методологияи таҳқиқоти илмӣ» бо баҳои «аъло», «Забони хориҷӣ (забони олмонӣ)» ва «Парадигмаҳои илмии забоншиносии умумӣ» бо баҳои «хуб» супоридааст.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шуда, дар ҷаласаи васеи ҳамин кафедра (Суратҷаласаи №7 аз 14.02.2025) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна,** номзади илми филология, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Муқарризони расмӣ:**

**Баротзода Файзиддин Камолиддин** – доктори илми филология, профессор, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Ҳусейнова Гулпарӣ Аҷикуллоевна** – номзади илми филология, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар – Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби директори Институт, доктори илмҳои филологӣ, профессор, Шарифзода Фарангис тасдиқ шудааст ва аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири шуъбаи забони тоҷикӣ Муҳаммадҷонзода О.О., ташхисгар (эксперт) номзади илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи забони тоҷикӣ Абодуллоева С.Ю., Шарифова Гулҷаҳон номзади илмҳои филологӣ, ходими калони илмии шуъбаи забони тоҷикӣ ба имзо расидааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Давлатова Моҳшариф Олимовна кори баанҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори **дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)** мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқарраароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегарданд, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 8-уми “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар тибқи талаботи** “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, асоснок шудаанд, зеро онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, вобаста ба самти мавзуи мавриди назар осору мақолаҳои илмӣ таълиф намудаанд.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия довталаб 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд. Аз ҷумла:

**1.Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**:

**[1-М].** Давлатова М.О. Принсипҳои асосии номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар матнҳои аслӣ ва тарҷума (дар мисоли асари “Ҷен Эйр”-и Ш.Бронте) / М.О. Давлатова // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2023. - №4 (52). – С. 48-53.

**[2-М].** Давлатова М.О. Муайян намудани меъёрҳои мутобиқатӣ ва номутобиқатӣ дар тарҷумаи асарҳои бадеӣ (дар мисоли асари “Ҷен Эйр”-и Ш. Бронте) / М.О. Давлатова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №2. – С. 63-68.

**[3-М].** Соҳибназарова Ҳ.Т., Давлатова М.О. Баррасии таҳвилоти тарҷумонӣ ҳамчун омили номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ ва мушкилоти он дар тарҷумаи бадеӣ / Ҳ.Т. Соҳибназарова, М.О. Давлатова // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2024. – № 2(54). – С. 89-95.

**2. Мақолаҳое, ки дар нашриёҳои дигар чоп шудаанд:**

**[4-М].** Давлатова М.О. Номувофиқатӣ дар тарҷумаи воҳидҳои луғавии бемуодил (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ) / М.О. Давлатова // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Ташаккул ва рушди тарҷумашиносӣ дар 30 соли Истиқлолияти давлатӣ”. –Душанбе, 2021. – С. 169-181.

**[5-М].** Давлатова М.О. Номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ / М.О. Давлатова // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-назарявӣ дар мавзуи “Ховаршиносии муосир ва дурнамои рушди он: масоили забоншиносӣ, матншиносӣ ва робитаҳои адабӣ”. – Хуҷанд, 2024. – С. 52-58.

**[6-М].** Давлатова М.О. Номувофиқатӣ дар тарҷумаи воҳидҳои луғавии муодил дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ / М.О. Давлатова // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами

тарҷумашиносӣ: назария ва методҳои таҳқиқи “тарҷуманопазирӣ””. – Душанбе, 2024. – С. 260-267.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд**:

**1**.Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсент мудири кафедраи мутолиоти аврупоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Наҷмиддинов Акбаршоҳ мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст:

А) Дар баъзе саҳифаҳо хатогии техникӣ ба назар мерасанд (4, 7, 21, 32);

Б) Дар баъзе калимаҳо ғалатҳои имлоӣ ба назар мерасанд (саҳ. 6).

2.Тақризи номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бегмуродзода Юсуф мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст:

А)Набудани шарҳи васеи методологияи тадқиқот. Дар автореферат меъёрҳои интихоби маводи таҳлил ва усулҳои асосии муқоисаи тарҷумаҳо бо тафсил шарҳ дода нашудаанд, ки барои арзёбии асоснокии хулосаҳо аҳаммияти муҳим доранд;

Б) Дар баъзе саҳифаҳои он хатогии техникӣ ба назар мерасанд (9, 15).

3.Тақризи номзади илмҳои филологӣ, муаллимаи калони кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисии МДТ-и “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Усмонова Рухшона мусбат буда, натиҷаи назаррас додааст.

**4.**Тақризи доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд мусбӣ буда, ба автореферат эрод нагирифтааст.

Дар маҷмуъ, муқарризони беруна дар баробари муайян намудани баъзе эроду норасоиҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии рисолаи илмӣ, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ** қайд мекунад, ки аз ҷониби довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар заминаи омӯзиши маводи илмӣ, илмӣ-методӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқот бори аввал номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари “Ҷен Эйр”-и Ш.Бронте) мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифта, ин мавзуъ аз нигоҳи илмӣ **коркард карда шуд.**

Ҳамзамон, зимни таҳлил масъалаҳои зерин ба ҳайси навгонӣ бори нахуст аз нигоҳи илмӣ **муайян карда шуданд:**

- Таҳлил ва баррасии номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи бадеӣ дар мисоли забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ имрӯзҳо хеле мубрам ва зарурӣ **арзёбӣ гардида**, заминаи боэътимоди назариявӣ ва амалиро барои пажуҳишҳои минбаъда дар соҳаи забоншиносӣ ва тарҷума **фароҳам месозад;**
- Номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ, русӣ

ва тоҷикӣ аз мутобиқатии онҳо **сарчашма мегирад;**

- Омилҳои гуногуни пайдоиши номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи бадеӣ мавҷуд мебошанд, ки дарки онҳо ба мукаммалии тарҷума **мусоидат менамояд;**

- Номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ ва камбудиҳои тарҷумонӣ ду мафҳуми якзайл намебошанд. На ҳама гуна номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ ҳамчун камбудиҳои тарҷума **фаҳмида мешаванд;**

- Дар фарҳанг, тамаддун, расму оин ва тарзи зиндагии мардуми гуногунзабону гуногунфарҳанг дар баробари монандиҳо фарқиятҳо низ ба назар мерасанд, ки вижагиҳои хоси ифода дошта, сабаби пайдо гаштани воҳидҳои луғавии бемуодил дар раванди тарҷума мегардад. Дар натиҷаи тарҷумаи чунин воҳидҳо миёни матни асл ва матни тарҷума номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ **ба вуҷуд меояд;**

- Номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар раванди тарҷума аз забони англисӣ ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ ҳангоми тарҷумаи воҳидҳои муодил низ **ба вуҷуд меояд.**

**Аҳаммияти назарияви таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** натиҷаҳои илмии он имконоти назариявии донишмандони забоншиносро дар бахши номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ ҳангоми тарҷума такмил хоҳанд дод. Инчунин дар баррасии бадали воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои муқоисашаванда ҳамчун заминаи илмӣ нақши муҳимро ба ҷо хоҳанд овард. Кори диссертатсионӣ, ҳамчунин, барои ташаккули минбаъдаи таҳқиқи муқоисавии ҳолатҳои номувофиқати ва фишурдасозӣ дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ асосҳои назариявӣ фароҳам меоварад. Дастовардҳои кори таҳқиқоти мавриди пажуҳиш метавонад ҳангоми таҳияи китобҳо, махсусан тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ ва ё баръакс, инчунин, баррасии номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ ва грамматикаи забон истифода гарданд.

**Асосҳои назариявии кори** мазкурро асарҳои илмию назариявии олимони забоншинос ва тарҷумашинос дар бар мегиранд, ки дар самти забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ таҳқиқоти арзишманде ба анҷом расонидаанд. Бинобар ин, зимни баррасии масоили назариявии диссертатсия асарҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони шинохтаи хориҷӣ, аз қабили К.И. Ковалева [2001], В.Н. Комиссаров [2009], [2010], В.В. Сдобников [2007], Н.К. Гарбовский [2004], А.Б. Швенин [1979] ва муҳаққиқони тоҷик М. Шукуров [1985], [1996], Ш. Мухтор [1989], Ф.М. Турсунов [2006], [2016], С.Р. Кесамирова [2019], Қ.А. Зарипов [2023] ва ғайраҳо ҳамчун асоси методологӣ истифода шудаанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷаҳои илмии диссертатсия барои пажуҳиши минбаъдаи паҳлуҳои гуногуни соҳаҳои забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ мусоидат менамоянд. Он муҳаққиқони соҳа, ки таҳқиқоти худро ба ҷанбаҳои гуногуни тарҷума, хусусан, тарҷумаи матнҳои бадеӣ равона мекунанд, ҳамчун роҳнамои илмӣ хизмат менамоянд. Аҳаммияти илмии таҳқиқ, ҳамчунин, аз он иборат аст, ки далелҳои асосноки пешниҳодшудаи муҳаққиқ оид ба мушкилоти луғавӣ дар

тарҷумаи бадеӣ дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ холигоҳи назариявии тарҷумашиносии тоҷикро пур хоҳад кард.

Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот барои мутахассисони соҳаи тарҷума дастури амалӣ ба ҳисоб меравbooнд. Номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ, камбудиҳо дар раванди интиқоли воҳидҳои луғавии муодил ва бемуодил ва роҳҳои бартараф намудани онҳо, ки дар диссертатсияи мазкур нишон дода шудааст, роҳнамо барои тарҷумонони минбаъда мегардад.

Дар диссертатсияи мазкур номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ дар асоси тарҷумаи асари нависандаи англис Шарллота Бронте "Ҷен Эйр" пурра таҳлил шуда, мутобиқат накардани воҳидҳои луғавӣ миёни матни асл ва тарҷума ҳангоми тарҷумаи воҳидҳои луғавии муодил ва бемуодил бори аввал таҳқиқ гардидааст. Ғайр аз ин, дар диссертатсия бори аввал навъҳои номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ муқаррар гардидаанд. Илова бар ин, дар диссертатсия камбудиҳо дар тарҷумаҳои русӣ ва тоҷикии асари "Ҷен Эйр" мавриди баррасӣ қарор гирифта, омилҳои пайдо шудан ва роҳҳои бартараф намудани онҳо нишон дода шудаанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки** кори таҳқиқоти мавриди назарро дақиқ будани маълумот, маводи кофии таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот ва гузаронидани таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ собит менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва муқоисавӣ пешниҳод карда шудаанд. Ҳамзамон, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро истифодаи методҳои луғавӣ, таҳлилӣ, муқоисавӣ, тарҷумавӣ ва ғайраҳо таъмин менамоянд, ки барои дуруст ба роҳ мондани роҳу воситаҳо ва вижагиҳои тарҷумаи матнҳои бадеӣ аз забони асл ба забони тарҷума мусоидат менамояд ва ин барои донишандӯзони соҳаи забоншиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ, муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ муҳим аст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ аз он иборат аст, ки** бори нахуст дар диссертатсия типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ дар асоси тарҷумаи асари "Ҷен Эйр"-и Ш.Бронте мавриди таҳқиқи махсус қарор гирифта, дар он камбудиҳои тарҷумонӣ ҳангоми интиқоли воҳидҳои луғавии муодил ва бемуодил дар матнҳои бадеии забонҳои мавриди назар баррасӣ гардидааст. Маводи назариявӣ ва амалии ҷамъоваринамудаи муаллиф хеле боарзиш буда, барои ҳалли як қатор масъалаҳои мавҷудаи забоншиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик саҳми арзанда мегузорад.

Диссертант муаллифи 6 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз ин 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 28-уми июни соли 2025, №25 дар бораи сазовор донистани Давлатова

Моҳшариф Олимовна бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 9 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 3 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 9 нафар иштирокдоштагон овоз доданд: тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раис: раиси Шурои диссертатсионӣ, профессор Турсунов Ф. М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, дотсент Ҳасанова Ш. Р.

28-уми июни соли 2025